ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқуловичдар мавзуи «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ азрӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Тайёр кардани мутахассисони забондон яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, татбиқи корҳои амалии мушаххасро талаб мекунад. Масъалаи мазкур аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва баъдан ҳамагонӣ оғоз гардида, дар зинаҳои болоии таҳсилот мебояд хубтару беҳтар ва устувор роҳандозӣ гардад.

Масъалаи мазкур зери таваҷҷуҳи Ҳукумати мамлакат, бахусус Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифта, барои дар сатҳи зарурӣ амалӣ гаштани он ҳамасола супоришҳои мушаххас пешниҳод мегардад. “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, киазҷониби Ҳукумати мамлакат ба тасвиб расонида шуд, аз ҳар як нафар корманди соҳаи маориф, алалхусус омӯзгор, олимон ва муҳаққиқон масъулияти басо калонро талаб менамояд.

Мавзуи илмӣ-таҳқиқотии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» маҳз ба яке аз ҷанбаҳои таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона гардидааст ва онро метавон хеле мубрам ва саривақтӣ арзёбӣ намуд. Ду масъала – ҷалби хонандагони синфҳои болоӣ ба хониши мустақилона ва ғанигардонии захираи луғавии онҳо дар шароити имрӯзаи ҷомеа масъалаҳое мебошанд, ки ба сифтаи таълим ва омӯзиши забони англисӣ таъсири калон мерасонанд.

Тавре, ки дар авротеферати диссертатсия инъикос гардидааст, таҳқиқот аз соли 2020оғоз гардида, дарсоли 2024 ба анҷом расидааст. Дар давраи фаъолияти илмӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шуда, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмӣ рӯйи чоп омадаанд. Инчунин, иштироки унвонҷӯ дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳои донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣшаҳодат аз он медиҳад, ки масъалаи таҳқиқба саҳми аҳли маориф ва илм расонидашудааст. Дар рафти иҷро ва анҷоми корҳои таҳқиқотӣ аз ҷониби Фарҳод Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович 15 мақолаи илмӣ таҳия ва рӯйи чоп омадааст. Азин шумора 3мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Автореферати диссертатсияфарогиритамоми масъалаҳои таҳқиқ буда, муҳтавои диссертатсияро комиланинъикос менамояд.Бо дарназардошти риояи талаботҳои мавҷуда, матни автореферат бо ду забон, тоҷикӣ ва русӣ дар ҳаҷми беш аз 70 саҳифа таълиф шудааст. Дар қисмати ҷамъбастии автореферат аннотатсияи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ пешниҳод гардидааст.

Диссертатсияи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович таҳти унвони «Хониши мустақилона ҳамчун воситаи ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ аз забони англисӣ (дар шароити МТМУ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз се боб ва зербобҳо, хулосаи бобҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Аппарати илмӣ риоя гардида, бобҳо ва зербобҳо якдигарро мантиқан пурра месозанд. Шумораи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда 180 адад ва ҳаҷми пурраи диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

Муқаддимаи кори илмӣ тибқи талабоҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, фарогири тамоми бандҳо, мубрамии таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо, объект, предмет, фарзия ва дигар қисматҳои муайянгардида мебошад.

Мақсади таҳқиқот асосан аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудан ва дар озмоиш таҷрибавӣ санҷидани роҳу усулҳои пешниҳодгашта барои беҳтар намудани хониши мустақилона маҳсуб меёбад.

Боби аввали кори илмӣхусусияти назариявӣ дошта, таҳлил ва таҳқиқи масъалаҳои мавриди назарро аз нигоҳи олимону муҳаққиқони соҳа баррасӣ менамояд. Шарҳи мафҳуми “хониш”ва муайян намудани он ҳамчун як навъи фаъолият, нақши “хониши мустақилона” дар ҷараёни таълими забони англисӣ, заминаҳои назариявии ғанигардонии захираи луғавии хонандагони синфҳои болоӣ ва дигар масъалаҳо дар боби якуми кор матраҳ гаштаанд.

Боби дуюми диссертатсия қисмати амалии таҳқиқот маҳсуб ёфта,баррасии меъёру талаботҳо, методҳои интихоб асарҳо ва матнҳо барои хониш мустақилона ҳангоми таълими забони англисӣ ва дигар масоилро дар бар мегирад. Системаи машқҳои таълимӣҷиҳати ғанигардонии фонди луғавӣ дар заминаи хониши мустақилона ҳангоми омӯзиши забони англисӣдар боби мазкур оварда шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ ва таҳлили натиҷаи онро бо таҳлили мушаххастасвир менамояд. Дар ин қисмати диссертатсия корҳои амалии иҷрошудаи таҳқикот бо хулосаҳои мушаххас пешниҳод гардиданд.

Дар автореферати диссертатсия бовуҷуди муваффақиятҳои назаррас баъзе ғалатҳои техникӣ ва камбудиҳоро низ мушоҳида кардан мумкин аст:

Дар автореферат хатогиҳои услубӣ ва техникӣ мавҷуд аст (саҳ.8, 15, 17).

Чанде аз ихтисораҳои дохили автореფератро дар номгӯи ихтисора ва аломатҳои шартӣ инъикос наёфтаанд.

Чанде аз ҷумлаҳои русии автореферат аз ҷиҳати услубӣ камбудӣ доранд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои зикршуда ислоҳпазир буда,арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро кам намекунанд.

Таҳқиқоти илмӣ ва кори анҷомдодаи Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ҳамчун кори илмӣ-таҳқиқотии комилан ба итмомрасида маҳсуб ёфта,фарогири таҳлилу таҳқиқи амиқи илмӣ мебошад. Масъалаи интихобшуда мубрам ва мувофиқ ба мушкилоти замони муосир мебошад.

Автореферати диссертатсияи илмии Ҳаитматов Фарҳод Холиқулович ба талаботҳои КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ азрӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (методикаи таълими забони англисӣ) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи таълими фанҳои гуманитарӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

**Муқарриз**,номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент,мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ
ва робитаҳои байнифарҳангии
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Эмомов Исматулло Боронович

Имзои И. Б. Эмомовро тасдиқ мекунам,
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

Суроға: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Борбад 48/5,
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Тоҷикистон
Тел.: +992 (37) 2348824
Сомона: https://iutet.tj/ru/
Суроғаи эл.: info@iutet.tj

27.08.25.